***ТДУ32.6***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-193-197***

***ФАРҲАНГИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР***

***Бобоева Иноят Асроровна,*** *сармуаллимаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***КУЛЬТУРА ТОЛЕРАНТНОСТИ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ***

***Бабаева Иноят Асроровна,*** *старший преподаватель кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ "ХГУ имени Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***CULTURE OF TOLERANCE IN MODERN TIMES***

***Boboeva Inoyat Asrorovna,*** *senior lecturer of the department of methods of teaching of Tajik language and literature under the SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov(Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *boboeva-83@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фарҳанги сулҳ ва таҳаммулпазирӣ, принсипҳои таҳаммулпазирӣ, адами зӯроварӣ, ЮНЕСКО, СММ, Пешвои миллат*

*Таҳаммулпазирӣ дар замони муосир яке аз мавзуъҳои мубрами тарбия ба ҳисоб рафта, таҳқиқи ин мавзӯъ дар доираи ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва афкори миллии ниёкон ҷусторҳои ҷадиде дар марҳилаи муайянсозии муҳимтарин заминаҳои таҳаммулпазирӣ хоҳад буд. Мақола ба баррасии масоили сулҳ, адами зӯроварӣ, ҳамзистии мусолиматомез ҳамчун ҷанбаи муҳимми таҳаммулпазирӣ бахшида шуда, муаллиф онро дар такя ба сарчашмаҳои муътамад ва авзои ҷаҳон мавриди боздид қарор додааст. Муаллифи мақола бо такя ба афкори Пешвои миллат кӯшиш намудааст, ки аҳамияти вижаи ташаккули шуури таҳаммулпазирирро барои миллати тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян созад.*

***Ключевые слова:*** *культура мира и толерантности, принципы толерантности и ненасилия, ЮНЕСКО, ООН, Лидер нации*

*В статье рассматривается проблема воспитания толерантности, являющаяся в наше время одной из актуальных. Отмечается, что ее изучение в контексте общечеловеческих документов и национальных представлений предков станет новым этапом в процессе определения важнейших основ толерантности. Освещаются вопросы мира, ненасилия, мирного сосуществования как важного аспекта толерантности на основе достоверных источников. Опираясь на взгляды Лидера нации, автор статьи попытался определить особую важность формирования толерантного сознания для таджикской нации в условиях глобализации.*

***Key words:*** *culture of peace and tolerance, principles of tolerance, non-violence, UNESCO, UN, Leader of the Nation*

*The article dwells on the problem of education of tolerance, which is one of the most urgent in our time. It is noted that its study in the context of universal documents and national ideas of ancestors will become a new stage in the process of determining the most important foundations of tolerance. The issues of peace, non-violence, peaceful coexistence as an important aspect of tolerance are highlighted on the basis of reliable sources. Based on the views of the Leader of the Nation, the author of the article tried to determine the particular importance of the formation of a tolerant consciousness for the Tajik nation in the context of globalization.*

Таҳаммулпазирӣ мафҳуми сермаъно буда, дар асрҳои XVI-XVII ба ҳайси яке аз масъалаҳои мазҳабӣ аҳамияти махсус касб карда буд ва дар замони ҳозира бошад, ба соҳаҳои гуногуни дунявӣ низ нуфуз дорад. Ба хусус, дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши калидӣ дорад, ки таърихи 16 ноябри соли 1995 дар Париж бо имзои бештар аз 185 намояндаи давлати аъзои ЮНЕСКО Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ қабул карда шуда, ба истилоҳи мазкур (таҳаммулпазирӣ) таърифи мушаххасу дақиқ додаанд. Дар Эъломия таҳаммулпазирӣ на танҳо чун вазифаи ахлоқӣ, ҳамчун талаби сиёсию ҳуқуқӣ нисбат ба инсонҳои алоҳида, гурӯҳи одамон ва давлатҳо низ тавсиф шудааст.

Дар ҳуҷҷати мазкур таъкид шудааст, ки ҳангоми ба миён омадани зарурати таъмини баробарҳуқуқӣ дар муошират ва имкониятҳо барои тамоми гурӯҳҳои одамон ва аъзои алоҳидаи ҷамъият бояд қонунгузории нав таҳия шавад. Дар сарсухани Эъломия чунин омадааст: "Мо, халқҳои Милали муттаҳид, ки ба наҷот додани насли оянда аз бадбахтиҳои ҷанг... бори дигар собит сохтани эътиқод ба ҳуқуқҳои асосии инсон, ба эътибору арзиши шахсияти инсонӣ азми

қатъӣ дорем... ва ба ин мақсадҳо зоҳир намудани сабр ва якҷоя дар сулҳу салоҳ бо ҳам чун ҳамсоягони нек зиндагӣ намуданро зарур мешуморем” [5, с.37-39]. Аз ин ҷост, ки 16 –уми ноябр ҳамчун Рӯзи умумиҷаҳонии таҳаммулпазирӣ таҷлил мегардад.

Зиёда аз ин, ба туфайли кӯшишҳои ЮНЕСКО дар даҳсолаҳои охир мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар миқёси байналхалқӣ ҳамчун яке аз меҳвари сулҳу субот ва амният эътироф шудааст. Ғояи ҳифзи сулҳ дар ҳуҷҷати ЮНЕСКО – “Дар роҳи фарҳанги сулҳ” инъикос ёфтааст.

Дар ин ҳуҷҷат мафҳуму моҳияти таҳаммулпазирӣ дар асоси эътирофи ягонагӣ ва гуногуншаклии инсоният, вобастагии ҳар кас аз ҳама ва ҳама аз ҳар кас, эътирофи ҳуқуқи ғайр тасвия шудааст. Мутобиқи Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ накӯкорие, ки ба даст овардани сулҳро имконпазир мегардонад ва ба табдили фарҳанги ҷанг ба фарҳанги сулҳ мусоидат мекунад, таҳаммулпазирӣ мебошад. Ниҳоят, таҳаммулпазирӣ тасдиқ ва эътирофи гуногуншаклии фарҳангҳои олами мо, шаклҳои худифода ва тарзҳои зуҳуроти фардияти инсонӣ аст.

Дар марҳилаи ҳозира, вақте ки равандҳои ташаккули босуръати ҷомеаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, ҷомеаю фарҳангҳои миллӣ идома доранд, таҷдиди таърих, анъана, фарҳангу маориф, тарзи ҳаёт, забон ва рафъи вижагиҳои мухторият ба вуқуъ мепайванданд, шахсиятҳои эҷодкоре лозиманд, то ки донишу маҳорати худро ба идроки умумияти тақдири таърихӣ, умумияти ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавию эстетикӣ равона кунанд. Дар шароити ҳозира ташаккул ва такондиҳандаи равандҳои номбаршуда яке аз вазифаҳои асосӣ дар фаъолияти соҳаҳои фарҳанг ва маориф маҳсуб меёбанд.

Ҳамзамон дар барномаи амал дар бобати фарҳанги сулҳ, ки 10-ноябри соли 1998 Иҷлосияи 53-юми Ассамблеяи генералии СММ қабул кардааст ва ҳамчунин дар қарори “Даҳсолаи байналхалқии фарҳанги ғайризӯроварӣ ва сулҳ ба манфиати кӯдакони сайёра” (2001-2010), ки ба ҳифзи сулҳ равона шудааст, ғояи гуногуншаклии фарҳангҳои миллӣ ва имкони мавҷудияти онҳо дар муҳити тафоҳуми мутақобила, сабру таҳаммул ва якдилӣ пешниҳод гардидааст.

Ғояи мазкурро солҳои 90-уми садаи бистум СММ ва ЮНЕСКО пешниҳод намуданд. Ба назари мо, нигоҳ доштани сулҳ дар асри XXI, даст кашидан аз зӯроварӣ ва ҷанг аз бисёр ҷиҳат ба натиҷаҳои стратегияи рушди маориф вобастагии қавӣ дорад.

Аҳамияти аксари арзишҳои қарни XX нисбат ба арзишҳои марбут ба амният буда камтар аст. Бинобар ин, эҳтимол, байни арзишҳои асри XXI ва ҳазорсолаи сеюм – амният (сулҳ) яке аз арзишҳои асосӣ барои тамоми халқҳои сайёра маҳсуб ёбад. Зеро амният бо имконияти ҳаёт ва ҳифзи он на танҳо барои насли муосир, балки наслҳои оянда, умуман, биосфера иртибот дорад. Маводи масоили ҳифзи сулҳ дар семинари “Муколамаи байни тамаддунҳои Осиё”, ки соли 2001 дар Теҳрон баргузор гардид, ҷолиби диққат аст. Яке аз масоили марказии семинар идроку фаҳмиши амиқтари арзишҳои сулҳу амният буд, ки ба тамоми инсоният мансубанд.

Дар ҳуҷҷатҳои номбаршуда дар бораи таҳаммулпазирӣ мулоҳизаҳое баён шудаанд, ки дар баробари тафоҳуми мутақобила ва дӯстии байни халқҳо ба фаъолияти СММ оид ба нигаҳдории сулҳ ва сазовор будан ба умедвории инсон бобати якдилии зеҳнию ахлоқӣ мусоидат кунад. Амалӣ гардонидани ин вазифа ва ё мулоҳизаҳо маънои идроки таҳаммулпазирӣ, муносибати боэҳтироми байниякдигарии одамонро дар сайёра ифода хоҳад кард.

Мафҳумҳои калидии сулҳ, адами зӯроварӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳуқуқи инсон, ки мувофиқи Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ қабул шудаанд, ба ташаккул ва ба амалияи иҷтимоӣҷорӣ намудани меъёрҳои рафтори таҳаммулпазир нигаронида шудаанд. Чунончи, таҳқиқи низоъҳои сиёсӣ имкон медиҳанд, то ҳама фаҳманд, ки фарҳанги сиёсӣ ба азхудкунии ахлоқии адами зӯроварӣ дар сиёсат мусоидат мекунад. Аз ҷумла, дар фазои пасошӯравӣ дар Тоҷикистон низои тарафҳои ба ҳам муқобил бо имзои шартнома дар бораи ризоияти ҷамъиятӣ дар ҷумҳурии мо ҳалли худро ёфт, ки барои рушди минбаъдаи мамлакат аҳамияти вижа дорад. Шартномаи мазкур, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва дар ҳузури намояндаи махсуси дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ба имзо расида буд, дар ҳифзи минбаъдаи сулҳ, ки ба принсипҳои демократия ва гуногунандешии сиёсӣ барои наслҳои оянда асос меёбад, комёбии назаррас ба ҳисоб меравад. Имзои ин созишнома шаҳодат аз он медиҳад, ки низои байни тоҷикон бо роҳи сиёсӣ ҳал гардид ва ин воқеа намунаи барҷастаи ҳалли низоъ бо роҳи мусолеҳаомез ба шумор меравад [8].

Муҳимтарин дастовард барои ваҳдати тоҷикон Иҷлосияи XVI-ум мебошад, ки волоияти қонун ва бо роҳи конститутсионалӣ ҳал намудани масъалаи муҳими сиёсӣ аз он шурӯъ гардидааст. Дар нахустин баромади хеш раиси Шӯрои Олии ҳамонвақта Эмомалӣ Раҳмон

иброз намуда буд: "Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем. Ҳар чи аз дастам меояд, дар ин роҳ талош хоҳам кард" [1, с.249].

Ҳамчунин бо пешниҳоди ЮНЕСКО, ки онро Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ кард, соли 2000 таҳти рамзи фарҳанги сулҳ даҳсолаи аввали қарни нав "Даҳсолаи сулҳ ва адами зӯроварӣ ба манфиати кӯдакони сайёра" эълон гардид, ки ин нукта низ бобати сулҳу осоиштагӣ дар ҷумҳурии мо низ басо мусоидат менамояд.

Тазаккур бояд кард, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" дар моддаи 4 принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф баён шудааст, ки самтҳои зерини он ба ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ иртиботи қавӣ дорад:

– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он [4, с.3].

Мавриди зикр аст, ки ташаккули рафтори таҳаммулпазирона, сулҳдӯстию сулҳҷӯӣ ва пешгирии намудҳои мухталифи ифротгароӣ дар ҷумҳурии сермиллати мо аҳамияти калон дорад. Чунончи, дар "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъкид шудааст, ки таҳаммул ва тоқатпазирӣ аз эҳтироми ақидаи дигарон ба миён меояд. Шахс бояд ба ҳамсӯҳбат ва мунаққиди худ тоқатпазир бошад. Ба сухани дигарон, ки аз ақидаи ӯ фарқ мекунад, ботаҳаммул гӯш дода тавонад. Тоқатпазир будан яке аз сифатҳои мусбати муносибати башардӯстона доштан ба шаҳрванд ва омили асосии пешгирӣ кардани низоъҳои эҳтимолии дар байни шаҳрвандон баамалоянда мебошад [3, с.21].

Дар "Философский энциклопедический словарь" таҳаммулпазирӣ ба маънои "таҳаммул ба дигар нуқтаи назарҳо" шарҳ дода шудааст Таҳаммуле, ки дар бораи он сухан меравад, "аломати боварӣ ба худ ва идроки мӯътамадии мавқеи худ, аломати ҷараёни ғоявиест, ки барои ҳама дастрас аст ва аз муқоиса бо дигар нуқтаи назар "наметарсад" ва аз рақобати маънавӣ канораҷӯӣ намекунад" [9, с.89].

Дар фаҳмиши муосир таҳаммулпазирӣ ифодакунандаи қобилияти инсон ва ҷомеа, шунидан ва эҳтиром кардани фикри дигарон, бо хайрхоҳӣ ё бидуни хусумат истиқбол намудани ақидаҳои хилофи ақидаи худ мебошад. Ҳарчанд мафҳуми таҳаммулпазириро дар аксарияти маъхазҳо ба сабру тоқат айният медиҳанд, он вижагиҳои аз ин (сабру тоқат) ҳам возеҳтару фаъолтарро фарогир мебошад. Ба ифодаи дигар, таҳаммулпазирӣ ин тобеъ будан ба фикр, ақида ва амали дигарон нест, муносибати фаъолонаи ахлоқию омодагии психологӣ дар ҳамбастагӣ ба сабру тоқат бахри тафоҳуми мутақобилаи байни этносҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, бахри амали мусбат бо одамони миллату фарҳанг, мазҳаб ё муҳити иҷтимоияшон дигар мебошад. Вале ин маънои онро надорад, ки таҳаммулпазирӣҳама чизро қабул мекунад, ҳама гуна инҳироф (рӯ тофтан) аз арзёбиҳои аз ҷониби умум пазируфта ва меъёрҳои маъмулӣ ё муътадили рафторро маъқул мешуморад. Таҳаммулпазирӣҳамкории мутақобила, гузашти дутарафа ва ба назар гирифтани манфиати ҳар нафарро пешбинӣ мекунад, яъне таҳаммулпазирии яктарафа вуҷуд дошта наметавонад.

Таҳаммулпазирӣ вижагии шуур ва ё хислати модарзодии шахсият нест, бинобар ин, мумкин аст, ки умуман дар шуури инсон пайдо нашавад. Аз ин лиҳоз, онро дар шахс махсус тарбия кардан ва ташаккул додан лозим аст. Тарбияи таҳаммулпазирӣ даст кашидан аз бадгумонӣ ва хислатҳои манфии иҷтимоиро ба манфиати муносибати айнӣ ба ҳар инсон новобаста аз вижагиҳои инфиродии ӯ пешбинӣ мекунад.

Таҳаммулпазирӣ ва сабру тоқат, яъне пуртоқатию собирӣ, айнан як чиз нестанд. Сабру тоқат аксаран эҳсос ё амали шахсеро мефаҳмонад, ки дард, зулму тааддӣ, бераҳмӣ ё дигар шаклҳои таъсири манфиро аз сар мегузаронад, аммо таҳаммулпазирӣ бошад, эҳтиром ё эътирофи баробарии дигаронро ифода мекунад. Ба ифодаи дигар, таҳаммул ё таҳаммулпазирӣ маҳаки калидии тафаккури озод аст.

Дар Паёми ҳамасола ва баромадҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нуктаҳои зерин борҳо таъкид гардидааст, ки таваҷҷуҳи хосаи сарвари давлатамонро ба тақдири насли имрӯзу фардои миллати тоҷик собит месозад: "Фикр мекунам, ки дар шароити кунунӣ, яъне замоне, ки ҳар як фарди ҷомеа ба худшиносӣ ва ҳифзи хотираи таърихии худ беш аз пеш ниёз дорад... Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳарчи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва

ҷустуҷӯи илму донишро ҷой кунем. Ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ бо дарназардошти завқи наслҳои имрӯза аз муҳимтарин вазифаҳои мо дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар руҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгарой, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад” [6, с.6].

Дар ҳақиқат, ғояҳои таҳаммулпазирӣ дар фарҳанги халқи тоҷик аз қадимулайём ҷойгоҳи хоса дорад. Зикр кардан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои ҷомеаи башарӣ ифротгарой ба шумор рафта, ба мавзӯи тоқатпазирӣ иртиботи қавӣ дорад. Аз ин рӯ, ташаккули таҳаммулпазирӣ чун яке аз роҳҳои рафъи ташаннуҷи иҷтимоӣ ба мадди аввал мебарояд. Дар осори адибони классикии форсу тоҷик, ба хусус, ҳикояҳои “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ғояҳои таҳаммулпазирии мазҳабӣ бисёр нишонрас мушоҳида мешаванд. Вобаста ба ин, дар суханронии Пешвои миллат ба муносибати 16-умин солгарди Истиқлолият ва 800-умин солгарди Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ пешниҳодҳои судманд ироа гардида буд: “Дар шароити кунунӣ таҳкими истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва зиндагии инсон барои мо мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати имлу техника ва раванди қувватгирифтаистодаи ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда боисти ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст. Бо вуҷуди ҳамаи дастовардҳои бесобиқаву беназири худ инсон ҳанӯз ба ормону орзуҳои деринааш, яъне эҷоди як зиндагии поку пурсаодат, орому осуда ва озод аз хушунату ихтилофҳо дастёб нашудааст. Баръакс, имрӯз инсоният бо хатарҳои нав ва мушкилоти сангинтар рӯ ба рӯ гашта, гирифтори ихтилофҳои мафкуравию мазҳабӣ ва бархӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад. Вазъи имрӯзаи сайёра моро водор месозад, ки на зиддияти мафкураҳо, бархӯрди манфиатҳо ва ихтилофи тамаддунҳо, балки аз робитаҳои дӯстона, ҳамзистии мусолиматомез ва гуфтугӯи тамаддунҳо ҳарф занем.

Мо вазифадорем, ки ҳама гуна амалҳои ба зиндагии осоиштаи башарият таҳдидкунандро маҳкум ва пешгирӣ карда, талошҳои созанда, дастовардҳои фарҳанг ва дину оинҳои халқу миллатҳои гуногунро ҳамчун ҷузъи таркибии тамаддуни башарӣ эътироф ва ба он эҳтиром гузорем” [1, с.52-53].

Тазаккур бояд кард, ки Пешвои миллат дар баромади худ омили муҳимми раванди ҷаҳонишавиро худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ арзёбӣ намуда, аз таърихи кишвардорӣ ва башардӯстиву хештаншиносии халқи тоҷик ёдовар шуд. Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро мисоли барҷастаи робитаҳои дӯстиву бародарии миллатҳои мухталиф ва ҳамзистии мусолиматомези онҳо номида, таъкид намуд, ки дар таълимоти ӯ масъалаи баробарии дину мазҳабҳои гуногун ва дар ин поя андешаи таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ, ва қавмиро ба миён гузоштааст, ки имрӯз ҳамсадои робитаи мусолиматомези фарҳангҳо ва гуфтугӯи тамаддунҳост” [1,с.62].

Дарвоқеъ, таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ гуногунҷабҳа буда, тамоми паҳлӯҳои зиндагии инсон, андешаву афкори созанда ва талаботи маънавии аҳлии башарро фаро мегирад. Мавлоно бани башарро бузургтарин ва офаридаи Худованди якто дониста, онҳоро ба сиёҳу сафед, ирқу нажод, ғарбиву шарқӣ, габру мусалмон, насрониву ва ғ. тасниф намекунад.

Дар китоби Пешвои миллат “Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ” (Э. Раҳмон, 2012) перомуни сулҳу ваҳдат, якдилӣ, башардӯстӣ, таҳаммулгарой ва нақши он дар гуфтугӯи тамаддунҳо мулоҳизаронӣ шудааст. Дар ин асар муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар даврони рушд ва таъмиқи ҷаҳонишавӣ, густариши пайгири худшиносии халқҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳо, шиддати бесобиқаи рақобат ва зиддиятҳои мухталиф ва харобиовар, таҳдиди рӯзафзуни хатари фалокатбори бархӯрди тамаддунҳо ва падидаҳои дигари мазмунан зиддиятнок мо ба иршодҳое чун паёми инсонгароии ростини Мавлоно ниёз дорем [7, с.127-128].

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои боло таҳаммулпазирӣ пеш аз ҳама:

таҳаммул ба тарзи ҳаёти дигарон; ба рафтори ғайр;

таҳаммул ба гуногуншаклии фарҳангҳои ҷаҳон ва эҳтироми он;

ифодакунандаи накукорӣ аст; барои табдили фарҳанги ҷанг ба фарҳанги сулҳ мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, таҳаммулпазирӣ санъати дар сулҳу осоиш зиндагӣ кардани одамон ва ғояҳои ба ҳам ношабеҳ мебошад. Ҳамин тавр, дар шароити ҷаҳонишавӣ дар ҷомеа ташаккули шуури таҳаммулпазир аз омилҳои муҳиму аввалиндараҷа маҳсуб мешавад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1.Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо / Эмомалӣ Раҳмон . –Душанбе, "Адиб", 2015. – 464 с.
2.Гуськов, Е. Ф.Краткая философская энциклопедия/Е.Ф.Гуськов, Г.В.Кораблева, В.А.Лутченко. –М., 2004.– 575 с.
3. Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти 2006.– № 94.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи маориф/ [Текст] //"Ҷумҳурият", 27 майи соли 2004.
5. На пути к культуре мира / Док.и материалы [Текст] // Комиссия РФ по делам ЮНЕСКО.– М.: МИК.– 1999, С.37-39.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи электронӣ //http://prezident.tj.// Санаи муроҷиат: 30.03.2019.
7. Раҳмон, Э.Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ / Эмомалӣ Раҳмон.–Душанбе, "Бухоро", 2021. – 132 с.
8. Рахмонов, Э.Ш. Независимость – достижение нашей нации/ Э.Ш.Рахмонов. – Народная газета 14.09.2005.– С. 47.
9. Философский энциклопедическийсловарь.– М.: Академический проект, 1997.– 463 с.

**REFERENCES:**

1.Unity and the process of dialogue between civilizations / Emomali Rahmon. – Dushanbe: Adib, 2015. - 464 p.
2.Guskov, E.F. Brief Philosophical Encyclopedia / E.F. Guskov, G.V. Korableva, V.A. Lutchenko. - M., 2004. - 575 p.
3. National concept of education of the Republic of Tajikistan / Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated March 3, 2006. - No. 94.
4. Law of the Republic of Tajikistan on Education/ [Text] // "Republic", May 27, 2004.
5.On the way to a culture of peace / Documents and materials // Commission of the Russian Federation for UNESCO. - M .: MIK. - 1999, P. 37-39.
6. Message of the President of the Republic of Tajikistan / Electronic source //http://prezident.tj.// Date of application: 30.03.2019.
7. Rahmon, E. Maulana and human civilization / Emomali Rahmon. - Dushanbe, "Bukhara", 2021. - 132 p.
8. Rakhmonov, E.Sh. Independence is the achievement of our nation / E.Sh. Rakhmonov / / Narodnaya gazeta 2005. - September 14
9.Philosophical encyclopedic dictionary. - M .: Academic project, 1997. - 463 p.